Бо Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «2» декабри соли 2005
№ 471 тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ БАЙНИИДОРАВӢ ДОИР БА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

1.Низомномаи мазкур ваколат ва тартиби фаъолияти Шӯрои байниидоравӣ доир ба таъмини бехатарии радиатсионӣ (минбаъд Шӯро)-ро муайян менамояд.

2.Шӯро бо мақсади ба таври машваратӣ (коллегиалӣ) баррасӣ намудани масъалаҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ ташкил мешавад.

3.Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ», Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури амал қарор дода, инчунин тавсияҳои Агентии байналмиллалӣ оид ба энергияи атомӣ (АБИЭА), Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) ва дигар санадҳои байналмиллалӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, истифода мебарад.

Шӯро ваколатҳои худро дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамояд.

4.Вазифаи асосии Шӯро аз танзим намудани иҷрои тадбирҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, илмию техникӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки ба таъмини ҳифзи ҳаёт ва солимии одамон аз таъсири зарарноки афканишоти ионзо, дар ҳолатҳои муқаррарии

фаъолияти ҳаётӣ ва дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани садамаи радиатсионӣ иборат мебошад.

5. Шӯро мувофиқи вазифаҳои асосии худ:

- фаъолияти мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар вақти таҳия намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ ҳамоҳанг месозад;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули системаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, илмию техникӣ, ҳуқуқӣ ва дигар чораҳои ба таъминоти бехатарии радиатсионии аҳолӣ равона-гардида таклифҳо пешниҳод менамояд;

- самаранокии тадбирҳои гузаронидашудаи дигар мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба маҷмӯи чорабиниҳои доир ба таъмини бехатарии радиатсионӣ таҳлил карда, дар асоси ин ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодоти муносиб тайёр менамояд;

- дар таҳия намудани чорабиниҳо оид ба ҳифзи радиатсионии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодда дастурамалҳо омода месозад;

- дар таҳия намудани лоиҳаи барномаҳои миллии ба таъминоти ҳифзи аҳолӣ ва муҳити зист аз таъсири зараровари афканишоти ионзо равонашуда, иштирок менамояд;

- риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки муносибатҳоро дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ танзим менамоянд, таҳлил мекунад;

- дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо (конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо ва ғайра) оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ мусоидат мекунад;

- таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналмиллалиро дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ омӯхта, оид ба амалӣ гардонидани онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд;

- оид ба такмил додани иттилоот ба аҳолӣ дар бораи ҳолати бехатарии радиатсионӣ таклифҳо пешниҳод мекунад.

6.Шӯро ҳуқуқ дорад:

- ҳисоботи мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ дар ҷаласаҳои Шӯро муҳокима намояд;

- мутахассисони мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро барои иштирок дар кори Шӯро ҷалб намояд;

- аз мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавод ва ахборотро, ки барои қабул кардани қарорҳо оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ заруранд, талаб намояд;

7.Шӯро аз ҳисоби намояндагони вазорат, идораҳо ва дигар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешавад. Раиси Шӯро ва ҳайати онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

8.Раиси Шӯро:

- фаъолияти Шӯроро роҳбарӣ менамояд;

-ҷаласаҳои Шӯроро даъват менамояд, рӯзномаи маҷлисро тартиб медиҳад ва онро ба аъзои Шӯро мерасонад;

- Шӯроро дар муносибат бо дигар вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ намояндагӣ мекунад;

-иҷрои қарорҳои қабулкардаи Шӯроро назорат мекунад;

- вазифа ва корҳои дигари ба ӯ вогузоштаи Шӯроро иҷро менамояд;

9.Шӯро фаъолияти худро мувофиқи нақша ва тартиби кории (регламент)-и тасдиқ кардааш амалӣ месозад. Ҷаласаҳои Шӯро ҳангоми зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар 6 моҳ гузаронида мешавад. Ҷаласаҳои Шӯро дар сурате комилҳуқуқ ҳисобида мешаванд, ки дар онҳо на камтар аз 2/3 ҳиссаи аъзои он иштирок дошта бошанд. Номгӯи масъалаҳои марбут ба салоҳияти Шӯро ва тартиби кори он дар ҷаласаи Шӯро муайян карда мешавад.

10.Шӯро бо ташаббуси раиси Шӯро ё 1/3 ҳиссаи ҳайати аъзои Шӯро даъват карда мешавад. Қарорҳои Шӯро бо аксарияти оддии овозҳои дар ҷаласа иштирокдоштаи аъзоёни Шӯро қабул ме-гарданд ва бо протокол ба расмият дароварда мешаванд. Дар мавриди баробарии овозҳо қароре қабулгардида ҳисоб мешавад, ки ба он раисикунанда овоз дода бошад. Протоколҳои ҷаласаҳои Шӯроро раис (муовини ӯ) ва котиби масъул имзо мекунанд.

11.Қарорҳои Шӯро, ки дар ҳудуди салоҳияти он қабул гардидааст, барои мақомоти ваколатдор-вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ба салоҳияти онҳо масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ дохил аст, ҳатмӣ мебошад ва ба онҳо дар шакли нусха аз протоколи ҷаласаҳои Шӯро дар муддати на камтар аз 10 рӯз баъди қабул гардидани онҳо расонида мешаванд.

12.Шӯро дар бораи натиҷаҳои фаъолияти худ соле як маротиба ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор медиҳад.

## ҲАЙАТИ
## ШӮРОИ БАЙНИИДОРАВӢ ДОИР БА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

Муовини сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон - раис

Директори Агентии амнияти ядроӣ
ва радиатсионии Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раис

Котиби илмии Агентии амнияти ядроӣ
ва радиатсионии Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби масъул

**Аъзоёни Шӯро:**
Муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини Вазири саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини Вазири ҳолатҳои фавқулодда
ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини вазири тандурустии Ҷумҳурии
Тоҷикистон
Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини вазири иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини вазири амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини вазири даромадҳо ва
пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муовини Раиси Кумитаи давлатии ҳифзи
муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии
Тоҷикистон